**Протокол № 8**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 045-и назди**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»**
**аз 15.12.2022** **ш.Хуҷанд**

**Р Ӯ З Н О М А**

оид ба таъйин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- «Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт»

**Шунида шуд:**

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷурабоев Ғафурҷон дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Мухидинович дар мавзӯи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- «Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт» ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Абдуллоев А., маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович - автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис ягон монеа вуҷуд надорад. Аъзоёни шуро таклифро дастгирӣ намуда номзадонро ба ҳайати комиссияи экспертӣ пешбарӣ ва мавриди муҳокима қарор доданд. Дар натиҷа:

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.-«Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт» барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

**Азимов Абдумавлон Ҷалилович** – доктори илмҳои иқтисодӣ; профессор, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045, раиси комиссияи экспертӣ;

**Раҳимов Абдулатиф Маджидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ; дотсент, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045, аъзои комиссияи экспертӣ;

**Абдуллозода Дилором** – номзади илмҳои иқтисодӣ; дотсент, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-045, аъзои комиссияи экспертӣ;

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати то 15 рӯз ба шурои диссертатсионӣ дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он Шӯро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дараҷаи маводи диссертатсионӣ дар маводҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия **хулосаи хаттии комиссияро** ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Муовини Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** Ҷурабоев Ғ.

**Котиби илмии Шуро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Абдуллоев А.**

Имзои Ҷурабоев Ғ. ва Абдуллоев А. -ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Э.М.**